**ПРОТОКОЛИ №33-и**

**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди**

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

аз 22-юми июни соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**

аз 11 нафар аъзои шуро 11 нафар

**Раиси шуро:** Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2025, №206/шд тасдиқгардида, 11 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравand.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ Худойдодов Аъзам Овлододович оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– **Мирзозода Муҳаммадшоҳ Мирзошо** – доктори илмҳои филологӣ, и.в. профессори кафедраи забонҳои факултети забонҳо ва ҷомеашиносӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд;

– **Маликова Анзурат Садуллоевна** – номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 02.09.2026, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Салихов Шамсидин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шоев Абдуҳамид